**Рустамзода Ҷумабек Юнус**

**Муаллими калони кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ**

# Танзими конститутсионию ҳуқуқии назорати давлатии молиявӣ дар соҳаи муносибатҳои буҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Хозирини гиромӣ!**

Конститутсияи Ҷумҳурии Точикистон тахкурсии давлату давлатдории навини мо мебошад ва имруз, ки мо дар арафаи тачлили 26-умин солгарди ин хуччати сарнавиштсоз карор дорем, мехостам хамаи Шумо ҳозирини гиромиро бо ин чашни таърихӣ, табрику таҳният гуфта, ба ҳар яки Шумо саломатии бардавом, рузгори ободу осоишта ва дар фаъолияти минбаъдаатон бурдбориҳои беназиро таманно дорам.

Қонуни асосии кишвар, ки тахди рохбарии хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат**,** Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар марҳилаи басо мураккабу кисматсоз ва пурпеҷутобу ҳассоси рузҳои аввали ташаккули давлатдории миллиамон қабул гардид, бузургтарин дастоварди даврони сохибистиқлолии кишвар махсуб ёфта, хачун санади олӣ ва ҳуҷҷати сарнавиштсоз барои амалӣ намудани ҳадафхои неки миллати куҳаибунёдамон, яъне бунёди давлатӣ муосир, ки ҷавҳари аслии онро низоми демократия, хуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоӣ ташкил дода, дар он инсон ва ҳуқуку озодиҳои ӯ арзиши олӣ эътироф шудаанд, заминаи боэътимоди ҳуқуқи гузошт.

Ҳозирини гиромӣ!

Дар айни замон, масъалаи заминаи конститутсионӣ ва ҳуқуқии танзими назорати давлатии молиявӣ дар соҳаи муносибатҳои буҷавии Ҷумҳурии

Тоҷикистон ва таҳияи механизми нисбатан мувофиқ барои татбиқи он хеле муҳим мебошад.

Назорати давлатии молиявӣ яке аз вазифаҳои муҳимтарини идоракунии давлатӣ ба ҳисоб рафта, он мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад. Қайд кардан ба маврид аст, ки дар Тоҷикистони муосир қонунҳо ҳамчун воситаи танзими тамоми муносибатҳо, аз ҷумла дар соҳаи муносибатҳои буҷетӣ, аҳамияти бебаҳо доранд, зеро рушди ҷомеа танҳо тавассути танзими қонунҳо имконпазир аст.

Ҳамин тариқ, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 6 ноябри соли 1994 бо тариқи раъйпурси умумихалқӣ қабул карда шудааст, меъёрҳои молиявӣ ва ҳуқуқие дорад, ки мустақиман дар қаламрави ҷумҳурӣ амал мекунанд. Ин меъёрҳо дар моддаи 45 Конститутсия, муқаррар намудани ӯҳдадории ҳар як шаҳрванд оид ба пардохти андозҳо ва пардохтҳои қонунан муқарраршуда; дар моддаи. 59, ки ваколати мақомоти давлатиро оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба лоиҳаи қонунҳо дар бораи буҷет, оид ба муқаррар кардан ва бекор кардани андозҳо муайян мекунад; дар моддаи 60 муқарарот оиди ваколатҳои Маҷлиси намояндагон дар бораи қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи буҷети давлатӣ ва назорати иҷрои он; дар моддаи 69, ки ваколатҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар амалӣ намудани назорати давлатии молиявӣ, яъне имзо кардани қонунҳо, таъин ва аз вазифа озод кардани директори Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини якум ва муовинони ӯ, раиси Бонки миллии Тоҷикистон, муовинони ӯ, Вазири молияи ҶТ ва дигар шахсони расмӣ.

Тавре ки мо мебинем, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври возеҳ масъалаи назорати давлатии молияviро дар соҳаи муносибатҳои буҷетӣ дар бар намегирад.

Барои таҳлил ва муқоиса бояд қайд кард, ки агар дар Конститутсияи баъзе кишварҳои хориҷа, масалан, Олмон блоки алоҳида (“X”) бо номи "Молия" мавҷуд бошад (моддаҳои 105-115), пас дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин муқаррароти махсус ҷой надорад.

Гарчанде ки масъалаҳои баррасишаванда дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври кофӣ инъикос нашуда бошад ҳам, аммо метавон гуфт, ки он принсипҳои умумии асосҳои ҳуқуқии назорати давлатии молиявиро дар соҳаи муносибатҳои буҷетӣ муттаҳид мекунад, ки барои такмилу инкиҳофи минбаъдаи онҳо дар қонунҳо заминаи ҳуқуқи мегузорад.

Бояд қайд кард, ки мувофиқи моддаи 5 Эъломияи Лима, ки аз соли 1977[1] қабул шудааст пешбини мекунад, ки мақоми мақомоти олии назорати давлатии молиявӣ ва салоҳияти он бояд дар конститутсия муқарар карда шавад. Дар инҷо мисол овардани конститутсияҳои баъзе давлатҳо ба мақсад мувофиқ аст.

Масалан, моддаи 54 Конститутсияи Ҷумҳурии Исломии Эрон муқаррар менамояд, ки Суди Молия (Палатаи ҳисоб) мустақиман ба Маҷлиси Шӯрои Исломӣ тобеъ аст. Сохтор ва қоидаҳои кориро дар Теҳрон ва марказҳои музофотӣ қонун муайян мекунад. Палатаи ҳисоб тибқи қонун, ҳисоботи дахлдори молиявӣ, ҳисобҳо ва ҳуҷҷатҳо тартиб дода, ба Маҷлиси Шӯрои исломӣ ҳисоботро дар бораи иҷрои буҷет барои ҳар сол бо истифодаи хулоса ва пешниҳодоти худ пешниҳод мекунад. Ин гузориш бояд ба омма дастрас карда шавад (моддаи 55)[2].

[1] Лимская декларация руководящих принципов контроля. Принята в г. Лиме (Республика Перу) 17 октября 1977 г. – 26 октября 1977 г. IX Конгрессом Международной организации высших органов финансового контроля (ИНТОСАИ) [Электронный ресурс] // Официальный сайт Счетная палата РТ. http:// www.sai.tj (дата обращения: 01.11.2018).

[2] Рустамов Д.Ю. Организационно-прововые основы государственного финансового контроля в сфере бюджетных отнашений Республики Таджикистан : дис. … канд. юрид. наук: 12.00.04 / Рустамов Джумабек Юнусович. – М., 2019. – 235 с.

Ҳамин тавр, ҷомеаи шаҳрвандии Ҷумҳурии Исломӣ ҳуқуқи пурраи таҳлили худро дар бораи самаранокии идоракунии давлатӣ дар соҳаи молия ва назорати давлатии молиявӣ оид ба истифодаи самараноки маблағҳои буҷети давлатӣ дорад[3].

Мо метавонем ба ин розӣ шавем, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Исломии Эрон сарчашмаи ҳуқуқи молиявӣ мебошад ва меъёрҳои он мустақиман амал мекунанд ва доираи масъалаҳои назорати давлатии молиявӣ, салоҳияти мақомоти ваколатдор давлатӣ оиди назорати давлатии молиявӣ дар соҳаи муносибатҳои буҷетӣ дар назди парламенти Эрон пешбини мекунанд.

Конститутсияи Корея низ қоидаҳо ва тартиби умумии назорати риояи қонунҳои Ҷумҳурии Кореяро оиди назорат маблағҳои буҷети давлатӣ ва таъсис аудитор пешбини мекунад (моддаи 136)[4].

Дар Туркия, мутобиқи Конститутсияи худ, Суди Ҳисоб баландтарин мақомоти назораткунанда ба ҳисоб меравад. Дар моддаи 69 (4) - и Конститутсияи Туркия ба таври возеҳ гуфта шудааст, ки Суди ҳисобҳо вазифаҳои марбут ба аудити даромад ва хароҷотро иҷро мекунад, дар ҳоле ки Суди конститутсионӣ бояд ба иҷрои ин фаъолият мусоидат кунад. Мисол, натиҷаи санҷиш бо қарори Суди конститутсионӣ тасдиқ карда шавад.

Конститутсияи Федератсияи Россия инчунин пешбини менамояд, ки бо мақсади назорати иҷрои буҷети федералӣ, Шӯрои Федератсия ва Думаи давлатии Федератсияи Россия Палатаи ҳисобҳои Федератсияи Россияро ташкил медиҳад, ки таркиб ва тартиби онро қонуни махсуси федералии қабулшуда муайян мекунад.

---

[3] Конституция Исламской Республики Иран от 15 ноября 1979 г. [Электронный ресурс] URL: http: // www.cis-emo.net (дата обращения: 14.11.2018).
[4] Конституция Республики Корея от 17 июля 1948 г. [Электронный ресурс] // URL:http:// konstituciya-yuzhnoi-korei.docx. (дата посещения 08.11.2018 г.).

Инак, бояд қайд кард, ки вазъи конститутсионӣ ва ҳуқуқии Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати дигар мақомоти назорати давлатии молиявӣ дар соҳаи муносибатҳои буҷетӣ дар қонунҳои оддӣ муайян карда шудааст. Дар Тоҷикистон мақоми мақомоти назорати давлатии молиявӣ то ҳол ба тариқи конститутсионӣ муқаррар карда нашудааст. Аммо, тавре ки таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, дар бисёр кишварҳои хориҷӣ мақоми Палатаи ҳисоб дар конститутсия пешбини шудааст.

Дар фарҷом, бо мақсади такмил додани системаи мақомоти назорати давлатии молиявӣ, ҷобаҷо кардани ваколатҳои онҳо пешниҳод карда мешавад, киислоҳоти назорати давлатии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шавад. Ба ақидаи мо, ислоҳоти мазкур метавонад самарабахш бошад ҳамон вакт, ки агар ба Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми конститутсионӣ дода шавад, то ки ваколатҳои худро нисбати дигар мақомотҳо мустақилона амалӣ намояд.